**10.01.10.РӮЗНОМАНИГОРӢ**
**10.01.10.ЖУРНАЛИСТИКА**
**10.01.10.JOURNALISM**

*ТДУ 070 (575.3)*
*ТКБ 76.12 (5Т)*

# ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАҲОИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ДАР ҚОЛАБИ ЖАНРҲОИ ЖУРНАЛИСТИКА (дар асоси маводи рӯзномаи "Ҷумҳурият" ва ҳафтаномаи "Озодагон")

***Шодихони Назар,*** *докторанти PhD-и кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Тоҷикистон, Душанбе)*

# ОТРАЖЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНЫХ ПРОБЛЕМ САМОСОЗНАНИЯ ЖАНРАМИ ЖУРНАЛИСТИКИ (на основе материалов газеты «Джумхурият» и еженедельника «Озодагон»)

***Шодихони Назар,*** *докторант PhD кафедры периодической печати Таджикского национального университета (Таджикистан, Душанбе)*

# REFLECTION OF NATIONAL PROBLEMS BESET WITH SELF-CONSCIOUSNESS BY GENRE OF JOURNALISM IN THE NEWSPAPER ENTITLED AS "JUMKHURIYAT" AND WEEKLY CALLED "OZODAGON "

***Shodikhoni Nazar,*** *doctoral (PhD) student of the department the press under the Tajik National University (Tajikistan, Dushanbe),*
***E-mail:*** *volnik-8585@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *жанр, матбуот, худшиносии миллӣ, арзишҳои умумибашарӣ, мақола, мусоҳиба , "Ҷумҳурият", "Озодагон", ҷаҳонишавӣ, забон, фарҳанг*

*Дар мақолаи инъикоси тобиши масъалаҳои худшиносии миллӣ дар қолаби жанрҳои журналистика дар рӯзномаи "Ҷумҳурият" ва ҳафтаномаи "Озодагон" мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.Кӯшиш шудааст, ки мавзӯи худшиносии миллӣ дар чун арзиши умумибашаӣ дар қолаби жанрҳои журналистика дар нашрияҳои мазкур таҳлил гардад. Доир ба жанрҳои журналистика ва таҳияи маводи худшиносии миллӣ сухан рафта, муаллиф бо такя ба сарчашмаҳо кӯшиш намудааст, ки мафҳуми жанрро шарҳ дода, нақши онҳоро дар кори рӯзноманигорӣ баррасӣ намуда, сипас пешниҳоди жанрии мавзӯи худшиносии миллиро, ки дар рӯзномаи "Ҷумҳурият" ва ҳафтаномаи "Озодагон" ба табъ расидаанд, шуданашро муайян намудааст. Ҳамчунин, муаллиф дар такя ба андешаи олимону муҳаққиқони тоҷик маводи ду нишрияи болозикрро, ки давоми солҳои 2010 -2015 аз чоп баромадаанд, а таҳлил гирифтааст.*

*Ҳамзамон, ҳангоми таҳлил дар мақола иқтибосҳое ҷой дода шудаанд, ки нашрияҳо мавзӯи мазкурро дар қолаби жанрҳои гуногун нашр намуда, дифоъ аз арзишҳои умумибашарии миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ намудаанд. Аз ин рӯ, муаллиф дар қисмати поёни мақола ба муассисони рӯзнома ва рӯзноманигорон ва дигар кормандони ВАО пешниҳод мекунад, ки новобаста маводро дар кадом қолаб омода мекунанд, дар инъикосу тарғиби масъалаҳои худшиносии миллӣ дар чаҳорчӯбаи арзишҳои умумибашарӣ манфиатҳои миллату давлатро ба назар гиранд ва дар ин раванд зиракии сиёсиро аз даст надода, баҳри дифои манфиатҳои миллии хеш саҳмгузор бошанд.*

***Ключевые слова:*** *жанр, пресса, национальное самосознание, общечеловеческие ценности, статья, интервью, «Джумхурият», «Озодагон», глобализация, язык, культура*

*В статье исследуются нюансы национального самосознания в журналистских жанрах в газете «Джумхурият» и еженедельнике «Озодагон». Исследуя проблему, автор попытался проанализировать тему национального самосознания в контексте общечеловеческих ценностей в виде жанров журналистики в публикациях. В статье автор, опираясь на источники, пытается сначала объяснить значение слова жанр, роль жанров в журналистике, а затем отражение темы национального самосознания в газете, формат которого определен официальным изданием Правительства РТ «Джумхурият» и еженедельником «Озодагон». Журналист систематизирует собранный материал, который является результатом множества поисков и размышлений, и представляет его читателю в коробке с названием жанра. Автор также приводит взгляды таджикских ученых и исследователей относительно признания жанров публикаций, опубликованных в течение 2010-2015 годов, что обогатило аналитическую сторону статьи. Вместе с тем, в ходе анализа в статье приводятся цитаты, использованные изданиями в*

*различных жанрах и защищающие общечеловеческие ценности таджикского народа на международной арене. Поэтому в конце статьи автор предлагает учредителям газеты, журналистам и другим работникам СМИ учитывать интересы нации и государства в освещении и продвижении национального самосознания, независимо от формата. не терять политического интеллекта и вносить свой вклад в защиту своих национальных интересов.*

***Key words:*** *genre, press, national selfawareness, universal values, article, concept, interview, "Jumhuriyat", "Ozodagon", globalization, language, culture*

*The article under consideration dwells on nuances of national self-awareness in the form of journalism genres in the newspaper "Jumhuriyat" and the weekly "Ozodagon". In researching the topic, the author has tried to analyze the topic of national self-awareness in the context of universal values in the form of genres of journalism in these publications. Journalism as a branch of science like any other field is divided into genres. Genre plays an important role in the work of a journalist, and the creative activity or fruitful work of a journalist cannot be achieved well and collectively without genre. Genre is the editor in charge of a journalist's work. The journalist organizes the collected material, which is the result of many searches and reflections, and presents it to the reader in a box with the name of the genre. The author also quotes the views of Tajik scholars and researchers in the recognition of the genre, which was published in the materials of the two above-mentioned publications during 2010-2015, which enriched the analytical side of this article. One thing to note about Marid is that all the genres mentioned are different from each other. At the same time, during the analysis, the article contains quotations that the publications have published in the form of various genres and defended the universal values of the Tajik nation in the international arena. Therefore, at the end of the article, the author suggests to the founders of the newspaper and journalists and other media workers to take into account the interests of the nation and the state in the coverage and promotion of national self-awareness in the framework of universal values, regardless of the format. not to lose their political intelligence and to contribute to the defense of their national interests.*

Журналистика дорои жанрҳои дар кори рӯзноманигор нақши муҳим мебозад. Фаъолияти эҷодӣ ё самараи меҳнати рӯзноманигорро бе истифодаи жанрҳои журналистика наметавон хуб ба хонанда дастрас намуд. Жанр ба тартибдароварандаи маҳсули кори журналист аст. Рӯзноманигор маводи ҷамъовардаи худро, ки дар пайи ҷустуҷӯҳою андешаронихои зиёд ҳосил мешавад, ба тартиб медарорад ва дар чаҳорчӯбае бо номи жанр банду баст намуда, ба хонанда пешниҳод мекунад.

Барои равшан намудани нақши жанр дар фаъолияти эҷодии рӯзноманигор профессор Мурод Муродов дар китоби "Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист" чунин мисол меорад.

"Тасаввур кунед, ба шумо модаратон ё каси дигар мефармояд, ки аз бозор маҳсулоте харидорӣ намоед, то хӯрок пазад, ё муҳаррири нашрияе ба шумо супориш медиҳад, ки маводи хубу хонданӣ бояд навишт. Чунин шакли хоҳиш ё супориш шуморо андаке ба нофаҳмӣ ва саргумӣ метавонад орад. Зеро шумо аниқ намедонед, ки аз бозор чиро харидорӣ намоед ва чигуна мавод нависед. Агар аз шумо хоҳиш кунанд, ки барои пухтани оши палав маҳсулот харидорӣ намоед ё мухбирномаи хуб нависед, дар ин ҳолат бароятон амалу ҳаракат ва фаъолияти баъдина муайяну мушаххастар мегардад. Ҳамин тавр жанр ҳамчун шаклҳои гуногуни инъикоси воқеият на танҳо фаъолияти эҷодии рӯзноманигорро мушаххас мегардонад, балки баррасии матлаби ӯро рангин низ мекунад" [10, с. 4].

Ин мисолҳо нақши жанро дар фаъолияти эҷодии журналист муайян намуд. Пас, мафҳуми жанр чист? Мафҳуми истилоҳи жанр аз забони фаронсавӣ (depche) гирифта шуда, маънои навъ, намуд, тарзро ифода мекунад. Моҳияти калимаи жанр миёни мутахассисони соҳаи журналистика аз диду назари гуногун тавзеҳ ёфтааст. Профессор И. Усмонов, мафҳуми жанрро бо такя ба назариёти мутахассисони соҳаи журналистика чунин тавзеҳ додааст: "М. Черепахов ва В. Ученова жанрро ҳамчун "василаи тасвири воқеият" Ю.Д. Бараневич "категорияи таърихӣ" шинохтаанд ва ҳамин назар дар таҳқиқи олимони тоҷик А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, Ҷ. Муқим, И.Усмонов, П. Гулмуродов, С. Гулов низ омадааст. Ҳамаи онҳо мисли В. Д. Плет жанро намуди аломатҳо ва хусусиятҳои устувордоштаи эҷод медонанд" [15, с. 4].

Сарчашма, пеш аз ҳама воситаи асосии маҳсули эҷоди журналист ба ҳисоб меравад. Жанр қолабе аст, ки журналист тамоми фикру ақидаи худро дар он мерезад ва вобаста ба ҳамон қолаб мавод эҷод мекунад.

М. Муродов баъди таҳлилу азназаргузаронихои зиёд аз забони мутахассисони хориҷию ватанӣ оид ба мафҳуми жанр ба хулосае омада, жанрро чунин таъриф додааст: "Шаклҳои гуногун ва мухталифи инъикоси воқеа, ҳолату рӯйдод, ҷараён ва вазъият, ки аз ҷиҳати аломат,

хусусият ва сохти унсурҳои умумӣ, такроршаванда ва хоса доранд, жанр номида мешаванд" [19, с. 5].

Профессор А.Саъдуллоев ва С.Гулов бобати шинохти ин мафҳум жанрро категорияи таърихӣ номида онро ба марҳилаи феълӣ (равон), сохти мавҷуда, фаъолмандии идеологии ҷомеа хонда, дар охир бо такя ба андешаҳои дигар олимону мутахассисони соҳаи илми журналистика онро чунин таъриф додаанд:

"Жанр василаи байёни фикри омӯхтаву дар тарозуи ақл санҷидаест, ки бо мақсади таъсиррасонӣ байён карда мешавад" [14, с.11].

И.Усмонов баъди сари мавзӯи жанр кор кардан ва иқтибосҳои зиёд аз олимони соҳаи журналистикаи хориҷи овардан, ба хулосае омада, жанрро чунин таъриф медиҳад:

"Жанр қолабест, ки дар он фикр, факт рехта мешавад ва ҳар кадом қолаб ҳамон жанреро дода метавонад, ки ба он мувофиқат мекунад" [15, с. 5].

Ҳамин тариқ, ҳар соҳае ки дар он эҷод вуҷуд дорад, бе жанр буда наметавонад. Яъне жанр хоси эҷод аст. Ҳар як соҳаи эҷод дорои жанр мебошад ва жанр дар навбати худ ба қисмҳо ҷудо мешавад. Дар илми журналистикаи тоҷик жанрҳоро ба се гурӯҳ ҷудо мекунанд.
1) хабарӣ; 2) таҳлилӣ; 3) публисистӣ- бадеӣ.

Дар дохили гурӯҳи жанрҳо боз жанрҳои хурд-хурде ҷойгиранд, ки ҳар яке таъриф ва хусусиятҳои ба худ хосро доро мебошад. Вале мо сари ин масъала таваққуф намекунем, зеро асоси мақолаи моро бозтобимасъалаҳои худшиносии миллӣ дар қолаби жанрҳои журналистика дар мисоли рӯзномаи "Ҷумҳурият" ва ҳафтаномаи "Озодагон" дар бар мегирад.

Мақола дар илми журналистика ба гурӯҳи жанрҳои таҳлилӣ дохил мешавад. Мақола баробармаънои калимаи лотинии "aticulus" буда, он дар лотинӣ маънои "қисм", "узв"-ро ифода мекунад. М.Муродов мақоларо чунин шаҳр додааст: "Мафҳуми мақола дар фаҳмиши оммавӣ ба ду маънӣ маъмул аст. Мақола-гуфтор, сухан, нутқ ва навишта. Ба ин маънӣ тамоми навиштае, ки дар матбуот интишор мешавад, новобаста аз шакли жанрӣ мақола меноманд. Масалан барои онҳое ки аз рӯзноманигорӣ дуранд, тақриз, мухбирнома ва ё жанри дигар мақола аст. Аммо барои мутахассиси рӯзноманигор мақола матнест, ки хусусияти худро молик буда, ҳамчун жанри мустақил аз дигар жанрҳои публисистӣ фарқ дорад... дар журналистика вай барои таҳлили воқеа, зуҳурот ва чараёни муҳиму мухталифи иҷтимоӣ истифода мешавад"[19,с. 45].

И. Усмонов андешаи ҳамкасбонашро тақвият дода, таъкид мекунад: "Мақола зоҳири воқеаро не, ботини онро ошкор мекунад. Мақола мақсади хабар доданро не, таъсир расониданро дорад" [15, с. 5].

Маҳз бо ҳамин хусусияти таъсиррасониаш аксар маводе, ки ба масъалаи худшиносии миллӣ ҳамчун арзишҳои умумибашарӣ дар рӯзномаи "Ҷумҳурият" дар жанри мақола пешниҳод шудаанд. Зимни таҳлилҳо айён гардид, ки он масъалаҳое, ки ба арзишҳои миллӣ рабт доранд, дар рӯзномаи "Ҷумҳурият" бо тамоми паҳлӯҳояш таҳлил шудаанд ва яке аз вазифаҳои мақола низ ин таъсир расонидан аст. Рӯзнома бошад, ба воситаи силсиламақолаҳояш дар мавзӯи худшиносиии миллӣ дар давоми солҳои 2010-2015 дар дигаргунсозии рӯҳияи хонандаи худ саҳми назаррас гузоштааст.

Ҳафтаномаи "Озодагон" низ аксар маводи ба арзишҳои миллӣ бахшидашудаи худро дар қолаби мақола ба хонанда пешниҳод намудааст. "Озодагон" дар солҳои 2010-2015 аксар мақолаи калонҳаҷмро ба нашр расонидааст, ки баъзе аз онҳо бознашр аз дигар нашриёҳо мебошанд. Давоми солҳои 2010-2015 аксар мақолаҳои ҳафтаномаи мазкур дар мавзӯҳои забон, либоси миллӣ, дин ва баъзе масъалаҳои сиёсӣ ки ба мавзӯҳои миллӣ марбутанд аз чоп баромадааст. Дар баробари он ки дар ҳафтаномаи "Озодагон" аксар мақолаҳо бо сарлавҳаҳое аз чоп мебароянд, ки валвалаангезанд, ба ҳар восита метавонад ҳисси худогоҳии миллии хонандаро бедор намояд. Зеро мақсади мақола пеш аз ҳали таъсир расонидан аст.

Ҳафтаномаи "Озодагон " дар ин маврид дар баъзе аз масъалаҳои миллӣ бетарафиро ихтиёр мекунад. Зимни таҳлил мушоҳида мешавад, ки он масъалаҳое, ки "Озодагон" намехоҳад аз он пуштибонӣ намояд, дар шакли суҳбат ё худ пурсиш ба хонанда пешниҳод шудааст. Ва дар аксар пурсишҳое ки ҳафтанома роҷеъ ба масъалаҳои миллӣ анҷом додааст якҷониба баҳогузорӣ шудаанд. Масалан, дар шумораи №05 (214) 1 феврали соли 2012, бо номи "Тафовути Амрико аз Тоҷикистон дар чӣ аст?" мавод аз чоп баровардааст. Маводи мазкур дар рубрикаи "Се дидгоҳи ҳафта" нашр шуда, моҳияти пурсиш ё муқоисагузорӣ дарҷ нагардидааст. Дар он се андеша ҷой дода шудааст, ки якеро ҳамчун намуна меорем.

“Ман қадр доштани инсонро дар Америко дидам. Дар рангу пӯст ва нажод ҳеч бартарие мушоҳида накардам. Як ҳолат диққати маро ҷалб карда буд ва ҳеҷ наметавонам фаромӯш созам. Дар кӯчаҳо қадам мезадем ва мушоҳида кардам, ки чароғаки роҳнамо барои нобиноён низ мувофиқ будааст. Нобино рангро наметавонад бубинад, вале бо садои махсус, ки аз чароғак мебарояд , метавонад бифаҳмад, ки гузар кардан мумкин аст ё на. Ё ин ки барои нобиноён дар назди метро кошиҳои(кафел) махсус гузошта шудааст, ки онҳо бо пой мушоҳида кунанду ба ягон садама дучор нашаванд. Дар мо ҳуқуқи одами солим поймол мешавад, чӣ расад ба маъюб. Фикр мекунам, бо кӯчактарин касбе, ки фард аз ӯҳдааш барояд пайдо мекунад” [10.с.119].

Дар ҳафтанома дар баробари масъалаҳои миллӣ, ки дар шакли мақола пешниҳод мешавад инчунин метавонад дар Америко кори хубе пайдо кунад ва зиндагии худро бисозад.”

Ин шакли омода намудани маводи дар ҳафтаномаи мазкур то чӣ андоза ба жанри суҳбат назидикӣ дорад, дар такя ба андешаҳои мутахассисони соҳаи журналистика дида мебароем.

Чунин шакли мавод омода намуданро А.Саъдуллоев ва С. Гулов як навъ сӯҳбат номидаанд. Ба андешаи ин устодон ин мусоҳиба - нақл аст. “Ин ба мусоҳибаи ҳамноми матбуотӣ монанд аст. Хабарнигор мавзуи суҳбатро муайян карда, бо як савол ба мусоҳиб муроҷиат мекунад ва ҷавоби мусоҳиб бидуни мудохилаи журналист сурат мегирад” [14, с. 42].

М. Муродов бошад, омода намудани ингуна маводро дар матбуот аз ҷиҳати жанрӣ ба гурӯҳи жанрҳои хабарӣ дохил намуда, онро назарпурсӣ номидааст. Ин пажӯҳишгар таъкид мекунад, ки аксар муҳаққиқон ин намуди маводро як навъи мусоҳиба меноманд, ҳарчанд онҳо ба якдигар монандӣ доранд, вале ин мавзӯъ каме баҳсталаб аст. “ Матнҳои бо роҳи пурсишҳои алоҳида ҳосилшударо, ки дар матбуот одатан зери як сарлавҳа интишор мешаванд, назарпурсӣ меноманд... дар муқоиса ба мусоҳиба хусусияти пурсиши назарпурсӣ дар он аст, ки бо як савол айнан ба якчанд нафар муроҷиат карда мешавад. Муроҷиат ба таври инфиродӣ сурат мегирад. Пурсидашавандагон дар ҷойҳои гуногун қарор доранд, аз ҷавобҳои ҳамдигар воқиф нестанд, гуфтаи якдигарро тақвият дода наметавонанд... Дар назарпурсӣ, ки мақсади асосиаш ба аудитория расонидани афкори рангин дар бораи ин ё он масъала аст, пурсиш дар алоҳидагӣ гузаронида мешавад ва муносибати журналист бештар хусусияти ташкилӣ дар инъикоси баъзе масъалаҳои миллӣ ба мутахассисон муроҷиат мекунанд. Ва ба назар мерасад, ки фикри аксари овардашуда дифоъ аз масъалаҳои миллӣ нестанд. Дар мавридҳои дигар валвала месозанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ин масъалаҳо ҳафтаномаи “Озодагон” пардапӯшона оид ба ин ё он масъала зид будани худро муайян мекунад. Ва ингуна мавод дар солҳои 2010-2015 зери рубрикаҳои “Се андешаи ҳафта”, “Дидгоҳ” “Ҳафт посухи ҳафта” аз чоп баромадаанд.

“Озодагон” дар рубрикаи “Як пурсиш = 7 посух +” зери номи “ Барои расидан ба ваҳдати воқеӣ чӣ бояд кард?”, ки аз №24 (133), 23 июни соли 2010 назарсанҷиеро аз чоп баровардааст. Дар маводи мазкур назарҳое гирд оварда шудааст, ки ваҳдати Тоҷикистонро инкор мекунанд. Дар пешгуфтори назарсанҷӣ чунин навишта шудааст: “Пас аз се рӯз дар кишварамон ҷашни Ваҳдати миллӣ таҷлил мегардад. 13 сол қабл рӯзи 27 июн ҳукумати Тоҷикистон ва мухолифони сиёсиаш созишномаи сулҳро ба имзо расониданд. Ҷонибҳо ба хулосае омаданд, ки танҳо ваҳдати миллӣ метавонад, ки моро ба саодат бирасонад. Аммо бо гузашти солҳои зиёд бархе муътакиданд, ки ҳанӯз мо ба ваҳдати воқеӣ нарасидаем. Аз ин рӯ "Озодагон" аз коршиносон чунин суол кард: “ Барои расидан ба ваҳдати воқеӣ чӣ бояд кард?”.

Зимни таҳлил маълум гардид, ки аксар маводе, ки дар жанри пурсиш дар ҳафтанома омода ва чоп мешаванд, бемуаллифанд. Маводи болоӣ низ тасдиқи ин гуфтаҳост. Ин гуна пурсишҳои бемуаллиф дар маводе ба чашм мерасанд, ки аз масъалаҳои миллӣ валвала месозанд. Чунин ба назар мерасад, ки “Озодагон” аз бетараф будани худу пардапӯшона ҷонибдорӣ кардани тарафи муқобилро хабар медиҳад.

Дар масъалаҳи дифоъ аз мавзӯҳои худшиносии миллӣ дар дориаи арзишҳои умибашарӣ ба монанди “Кӣ хостгори ҷанги Тоҷикистону Ӯзбакистон аст?”, Ҳумайрои Бахтиёр №14 (223) 11-апрели соли 2012, “Тоҷикистон то чанд кишвари "гастербайтерҳо" боқӣ мемонад?”. Маҳмуд Аҳмадӣ №14 (223) 11-апрели соли 2012, “Ихтилофи Тоҷикистону Ӯзбакистон барои НАТО аст?”. Ҷамила Мирбозхонова, №15 (224) 18- апрели соли 2012, “Осиёи Марказӣ минтақаи бесоҳиб”. Аъзами Хуҷаста, №15 (224) 18-апрели соли 2012, “Фирори мағзҳо: мушкиле, ки дар Тоҷикистон ҷиддӣ намегиранд”. Иршод Сулаймонӣ №18 (14 227) 9- майи соли 2012, “Нахустин қадам барои миллатсозӣ чӣ бояд бошад?”, №23 (6 232) 13 - июни соли 2012, “Қирғизистон ҳам аз Тоҷикистон рӯ гардонд?”, №24 (6 233) 20- июни соли 2012, “Манфиати миллӣ”, №42 (251) 24-октябри соли 2012 ва маводи зиёде ба монанди инҳо дар мавзӯи худшиносии миллӣ дар доираи

арзишҳои умумибашрӣ навишта шудаанд, дар ҳафтаномаи “Озодагон” дар жанри мусоҳиба-монолог, мақола ба табъ расидааст. Ҳангоми таҳлил ба хулосае омадем, ки давоми соли 2010-2015 дар як шумораи ҳафтанома 40-45% маводе ба табъ мерасад, ки ба масъалаҳои худшиносии миллӣ равона шудааст. Барои мисол дар шумораи №29 (138), 28 июли соли 2010 дар 16 саҳифаи А3 - 31 мавод ҷой дода шудааст, ки аз он ҳафт маводаш ба масъалаҳои миллӣ бахшида шудааст. Ин шумора ҳафт саҳифаи ҳафтаномаро банд намудааст, ки ба ҳисоби миёна 35-40%-и маводро дар бар мегирад. Мавод дар жанри мусоҳиба ва мақола омода шудааст. Ё дар шумора №12 (221) 28 марти соли 2012, 26 мавод ҷой дода шудааст, ки аз он 7 тоаш ба масъалаҳои худшиносии миллӣ равона шуда, 5 саҳифаи ҳафтаномаро банд намудааст. Зимни таҳлил муайян шуд, ки аксар маводи хусусияти худшиносӣ дошта зери рубрикаҳои доимии “Нигоҳи дигар”, “Дидгоҳ”, “Се посухи ҳафта”, “Мавзӯи ҳафта”, “Минтақа дар ҳафта”, “Се дидгоҳи ҳафта”, “Ҳафт посухи ҳафта”,“Суҳбати ҳафта”,“Мушкили ҳафта”,“Нигаронии ҳафта”,“Вокуниши ҳафта”, “Ифтихори ҳафта” аз чоп баромадаанд. Аксар маводи ин рубрикаҳо ба масъалаҳои миллӣ аз қабили забон, либос, фарҳанги тоҷикон, масъалаҳои марзӣ, бегонапарастии ҷавонон, муаррифии нобиғаҳои тоҷик, расму русми тоҷикона аз чоп баромадаанд.

Дар “Ҷумҳурият” худшиносии миллӣ аз мавзӯҳои калидии рӯзнома аст. Инро мо зимни таҳлил мушоҳида кардем. Дар мавзӯи мазкур маводи зиёд аз чоп баромадааст. Ба андешаи профессор М.Абдулло ғояи ҳуввияти миллӣ миллатро баҳри расидан ба истиқлоли давлатии сиёсӣ муташаккил месозад. Он дар фикру андешаи миллат ғояи истиқлолро ташаккул дода, истиқлолро ба гунаи як ормону ҳадафи миллӣ ҷилва медиҳад ва миллатро барои ба даст овардани он омода менамояд.

“Ғояҳои худшиносии миллӣ қабл аз бунёди давлатдории миллӣ ба вуҷуд меоянд ва ба даст овардани истиқлолият ҷузъи таркибии он мебошад. Миллату қавмҳои зиёд бе давлат ғояи ҳувияти миллӣ доранд (мисли курдҳо, уйғурҳо, чеченҳо, баскҳо ва ғайра), истиқлол ҷузъи таркибии андешаи миллии онҳост, аммо бо вуҷуди муборизаҳои тӯлонӣ ба истиқлоли миллӣ ноил нашудаанд. Яъне ин гуна қавму миллатҳо дар сурати надоштани давлати миллӣ ҳам метавонанд ифтихори миллӣ ва худшиносии миллӣ дошта бошанд, аммо худшиносиву ҳувияту ифтихори миллии онҳо бидуни истиқлоли миллӣ ҳамеша чун як ғояи нопурра ва ноқис боқӣ мемонад” [22].

Маводи мазкурро метавон гуфт, ки дар жанри мақола аз чоп баромадааст. Зеро муаллиф дар асоси суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон, бахшида ба 22-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ, ки гуфтааст "ғояи истиқлолият ҳамчун яке аз рукнҳои бунёдии озодии инсон дар тамоми давру замонҳо ҷузъи таркибии андеша ва ҳувияти миллии мо будааст" навишта шудааст. Дар мавод аксар андешаҳои журналист мушоҳида мешавад. Ба қавле мани журналист дар матлаби мазкур ба назар мерасад, ки ин бештар хоси мақола аст.

Ҳамин тариқ баъди таҳқиқот ва омӯзиши мавзӯи мавриди назар ба чунин хулоса расидем

- Дар “Ҷумҳурият” ҳам аксар маводи ба мавзӯи мазкур бахшида шуда, дар ҳамин жанрҳо пешниҳод шудаанд, аммо ҷои назарпурсиро очеркҳои портретӣ гирифтаанд.

-Зимни таҳлил маълум гардид, ки рӯзномаи “Ҷумҳурият” барои муаррифии чеҳраҳои намоёни таърихии халқи тоҷик ба дигарон маводи зиёд омода намудааст. Мунаввари Сафар, “Эътирофи тибби тоҷик”. (“Ҷумҳурият”, №: 76-77,1.06.13), Абдуҷаббор Раҳмонзода. “Белинскийи тоҷик”,(“Ҷумҳурият”,№:82, 22.04.2015), Алӣ Furthermore Бобоҷон. “Нахустқаҳрамони тоҷикистон”, (“Ҷумҳурият”, №:95-96, 8.05.2015) ва дигарон тасдиқи гуфтаҳои болост.

**-** Агар ба таърихи матбуот назар афканем рӯзномаи “Ҷумҳурият” ягона минбаре буд, ки аз зиёиёни давр то хонандаи оддӣ андешаҳои худро дар мавриди масъалаҳои миллӣ баён менамудаанд ва имрӯз низ рӯзномаи мазкур ин хусусияти худро аз даст надодааст. Рӯзномаи “Ҷумҳурият” дар шумораи №89 (22651) 01.05.2015 дар чор саҳифаи А2- 22 мавод ҷой додааст, ки аз он 8 мавод ба масъалаҳои муҳими худшиносию миллӣ бахшида шудааст. Ин рақам ба ҳисоби миёна буда, дар ҳар як шумора теъдоди ин рақам зиёд ва гоҳе кам мешавад. Ба ҳисоби миёна 40-45% -и ҳар як шумораи рӯзномаи мазкур ба масъалаҳои миллӣ бахшида шудааст.

-Зимни таҳлил равшан гардид, ки дар соли 2014 рӯзнома 257 маротиба, соли 2015-260 маротиба бо теъдоди аз 30 то 40 ҳазор нусха аз чоп баромадааст, ки дар ҳар яке аз ин шумораҳо масъалаҳои миллӣ аз қабили забон, фарҳанг, либос, марз, анъанаҳои миллӣ, ҷашну маросимҳои миллӣ, бегонапарстӣ, театру кино, мусиқии халқӣ, чеҳраҳои таърихии миллат ва тарғиби онҳо дар арсаи байналмилалӣ, эҳёи мавзеъҳои таърихӣ, муаррифии онҳо дар арсаи байналмилалӣ ва даҳҳо мавзӯи ба инҳо монанд ба табъ расидааст, ки аксар дар шакли мақола, мусоҳиба ва

мактуб ба хонанда пешниҳод шудааст. Дар умум масъалаи худшиносии миллӣ дар доираи арзишҳои умумибашарӣ дар рӯзномаи "Ҷумҳурият" қариб дар қолаби тамоми жанрҳои журналистика мавод ёфт мешавад.

- Таҳлилҳо нишон доданд, ки ҳафтаномаи "Озодагон" на дар ҳама ҳолат дифоъ аз масъалаҳои худшиносии миллӣ дар арсаи байналмилалӣ намудааст. Мушоҳида мешавад, ки дар бисёр маврид ба хотири саргарм намудани хонанда ва ба фуруш рафтани ҳафтанома аз масъалаҳои миллӣ ҳангома сохтааст, ки аксари онҳо дар шакли назарсанҷӣ аз чоп баромадаанд.

Ҳафтаномаи "Озодагон" озодии баён, демократия, ҳуқуқҳои инсон, баробарҳуқуқӣ барин истилоҳҳоро шиор қарор дода, дар баъзе маврид инъикоси масъалаҳои худшиносиро ба ҳадди ифрот оварда расонидаанд, ки маводи мазкур дар жанри сӯҳбат аз чоп баромадаанд

-Солҳои 2015 -2015 дар ВАО-и хориҷӣ матлабҳои зиёде оид ба масъалаҳои миллии кишвари мо аз чоп баромадааст. Ҳафтаномаи "Озодагон" ба ҷои он ки дар мавзӯҳои мазкур вокуниш чоп намуда, дифоъ аз арзишҳои миллии миллати тоҷик намояд, онҳоро дар саҳифаҳои худ бознашр намудааст. Ба ин мисол шуда метавонад маводи бознашршуда аз "Би-би си" ва "Радиои Озодӣ". Дар бисёр маводи таҳлилии дар жанри мақола аз чоп баромада, муқоисагузориҳо аз доираи мантиқ берун буда, истиқлолияти кишвар ва ҳамчун миллат ташакул ёфтани тоҷиконро инкор мекунанд.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Абдуқодир, Р. Оинаи миллат /Р. Абдуқодир.- Душанбе: Эҷод, 2005 – 208 с.
2. Аюбзод, С. Сад ранги сад сол / С. Аюбзод. – Прага, 2002 – 345 с.
3. Бобохонов,М.Таърихи тоҷикони ҷаҳон/М.Бобохонов.-Душанбе: З. Камолиддин, 1999. - 463 с.
4. Ғафуров, Б.Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна / Б.Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1983. - Қ.1. – 704 с.
5. Ғафуров, Б.Тоҷикон.Охири асрҳои миёна ва давраи нав/Б.Ғафуров.-Душанбе:Ирфон,1985.– Қ.2. - 416 с
6. Дарси хештаншиносӣ. – Душанбе: Ирфон, 1989. - 272 с.
7. Дарси хештаншиносӣ. – Душанбе: Ирфон, 1991. - 400 с.
8. Муқаддима ба назарияи миллатшиносӣ (маҷмӯаи мақолаҳо).-Душанбе:Ирфон,2012.-245 с.
9. Муродов, М. Асосҳои эҷоди журналистӣ/М. Муродов. –Душанбе: Ирфон, 2014. –256 с.
10. Муродов,М. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист, қисми 2.//М. Муродов.–Душанбе,2008 - 112 с.
11. Раҳмонов, Э.Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби 3. Аз Ориён то Сомониён / Эмомалӣ Раҳмонов. - Душанбе: Ирфон, 2006. - 228 с.
12. Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат / Эмомалӣ Раҳмонов. - Душанбе: Ирфон, 2002. - 512 с.
13. Раҷабӣ,М.Таҳқиқи таърих - таҳқиқи характер/Раҷабӣ Маъруф.-Душанбе:Адиб,1990.–192 с
14. Саъдуллоев, А., Гулов С. Жанрҳои журналистикаи радио,-Душанбе, 1997.
15. Усмонов,И.Сарнавишти "тоҷикон"/Усмонов Иброҳим.-Душанбе: Сармад-Компания,2015. – 48 с.
16. Усмонов, И. Правда о таджиках / Усмонов Иброҳим. - Душанбе: Ирфон, 2006. – 160 с.
17. Усмонов, И. Таҳкими сулҳ ва таҳаввулоти Тоҷикистон /И.Усмонов.–Душанбе:Матбуот, 2016. - 672 с.
18. Усмонов, И. Жанрҳои публисистика/И.Усмонов.-Душанбе, 2009. -140 с.
19. Ҷӯраев,М. Аз Бухоро то Самарқанд / Ҷӯраев Мирзоалӣ. - Душанбе: Кайҳон, 2013. – 211 с.
20. Ҳотамов, Н. Халқи тоҷик (аз соли 60-уми асри XIX то соли 1924) / Н.Ҳотамов. – Душанбе: Амри илм, 2001. - 360 с.
21. Ҷовид, Муқим. Радиои БИ-БИ-СИ: Дирӯз ва имрӯз / Ҷовид Муқим. - Душанбе: Деваштич, 2006. - 144 с
22. Абдулло, М. Мафкураи миллӣ дар маснади давлатӣ/М.Абдулло//Ҷумҳурият, №:123-124 21.09.2013.
23. Қутбиддин, Ш. Дифоъ аз Бухорӣ дифоъ аз миллат ё таҳқир ба Бухорӣ таҳқир ба миллати тоҷик/ Ш.Қутбиддин//Озодагон.-№38 (147), 29.09. 2010.
24. Мирбозхонова, Ҷ. Парчами Тоҷикистон аз 165-метр ҳам баландтар рафтааст/ Ҷ.Мирбозхонова //Озодагон.- №01 (210), 04 01. 2012.
25. Озодагон.- №24 (133), 23 .06.2010, 08 .02. 2012, №24 (133), 23 .06.2010, №38 (147), 29.09. 2010.

26. Раҳим, А. Ба таърих бо чашми хирад бингарем ё чаро ҳаракати босмачигарӣ расонаӣ шуд?/ А.Раҳим// Ҷумҳурият.- №: 24, 31.01.2019.
27. Ҷумҳурият.- № 7, 9.01.2014 (22312).

**REFERENCES:**

1. Abduqadir Rahim. The Mirror of the Nation / Abduqadir Rahim. - Dushanbe: Ejod, 2005 - 208 p.
2. Ayubzod S. One Hundred Colors and a Hundred Years / S. Ayubzod. - Prague, 2002 - 345 p.
3. Bobojon Ghafurov. Tajiks. Ancientest, Ancient and Medieval History / Ghafurov Bobojon. - Dushanbe: Cognition, 1983. - P.1. - 704 p.
4. Bobojon Ghafurov. Tajiks. The End of the Middle Ages and the New Period / Ghafurov Bobojon. - Dushanbe: Cognition, 1985. - P.2. - 416 p.
5. Bobokhonov M. The History of Tajiks of the World / M. Bobokhonov. - Dushanbe: Z. Kamoliddin, 1999. - 463 p.
6. Lesson of self-Knowledge. - Dushanbe: Cognition, 1989. - 272 p.
7. Lesson of self-kKnowledge. - Dushanbe: Cognition, 1991. - 400 p.
8. Ibrahim Usmonov. The Fate of Tajiks / Ibrahim Usmonov. - Dushanbe: Sarmad-Company, 2015. - 48 p.
9. Ibrahim Usmonov. Truth about Tajiks / Usmonov Ibrahim. - Dushanbe: Cognition, 2006. - 160 p.
10. Ibrahim Usmonov. Strengthening Peace and Development in Tajikistan / - Dushanbe: Press, 2016. - 672 p.
11. Ibrahim Usmonov. Genres of Journalism - Dushanbe, 2009. - 140 p.
12. Known as Rajabi. The Study of History - the Study of Character / Rajabi Maruf. - Dushanbe: Man-of-Letters, 1990. - 192 p
13. Mirzoali Juraev. From Bukhara to Samarkand/Juraev Mirzoali.-Dushanbe:Kayhon, 2013. - 211 p.
14. Murodov M. Grounds of Journalism. –Dushanbe: Cognition, 2014. –256 p.
15. Murodov M. Grounds of Journalist`s Creative Activity, part 2. - Dushanbe, 2008. - 112 p.
16. Introduction to the Theory of Ethnography (collection of articles).-Dushanbe:Cognition,2012. - 245 p.
17. Emomali Rakhmonov. Tajiks in the Mirror of History. Book 3. From the Orians to the Samanids / Emomali Rahmonov. - Dushanbe: Cognition, 2006. - 228 p.
18. Rahmonov Emomali. Independence of Tajikistan and Revival of the Nation / Emomali Rahmonov. - Dushanbe: Cognition, 2002. - 512 p.
19. Sadulloev A., Gulov S. Genres of Radio Journalism, -Dushanbe, 1997.
20. Hotamov N. The Tajik People (from the 60-ies of the XIX-th century to 1924) / N. Hotamov. - Dushanbe: Amri ilm, 2001. - 360 p.
21. Jovid Muqim. BBC Radio: Yesterday and Today / Jovid Muqim. - Dushanbe: Devashtich, 2006. - 144 p
22. Abdullo M. National Ideology in the Public Sphere // Jumhuriyat, №: 123-124 21.09.2013.
23. Qutbiddin Sh. Defending Bukhari Defending the Nation or Insulting Bukhari Insulting the Tajik Nation // Ozodagon.-№38 (147), 29.09. 2010.
24. Mirbozkhonova J. The Flag of Tajikistan Has Risen more than 165 meters // Ozodagon.- №01 (210), 04 01. 2012.
25. Ozodagon.- №24 (133), 23 .06.2010, 08 .02. 2012, №24 (133), 23.06.2010, №38 (147), 29.09. 2010.
26. Rahim A. Let`s Look at the History with Eyes of Wisdom or Why Did Basmachi Movement Become a Media? // Jumhuriyat.- №: 24, 31.01.2019.
27. Republic.- № 7, 9.01.2014 (22312).